08 01 2019



**Башарият хамеша кахрамонхоеро тасаввур мекард ва дар хаёли худ месохт, ки бо фидокорихои худ тавонанд онхоро аз зулмот начот бахшида, рохашонро ба сӯи оянда равшан созанд. Аз чунин андешахо шахсиятхое таваллуд ёфтанд, ки ба дили мардум равшаниву гармӣ бахшида, рахнамову рахкушои инсонхо шуданд.**

Миллати точик дар садади аз байн рафтану нобуд шудан сохиби Пешвою кахрамони вокеӣ гардид ва нихоят орзую ормонашон вокеият ёфту ба максад расиданд. Точикон аз баракати суханхои пурэъчози Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон батадрич аз чандин зулмоти нобудкунанда начот ёфтанд, ки яке аз ин зулмот фазои торике буд, ки рӯи самои Точикистони сохибистиклолро фаро гирифта, рохи моро барои пайвастан ба чомеаи мутамаддин банд мекард. Пешвои мо бо баромад аз минбархои баланди чахонӣ бо забони точикӣ пардаи ин зулмотро дарида, чашми оламиёнро ба сӯи ояндаи равшани кишварамон кушоданд ва тасаввури мардуми оламро нисбат ба миллати тамаддунофари точик ба таври мусбат тагйир доданд.

Дар ин раванд Сарвари давлат хамеша дар талоши равшанию гармии хонадони хар яки мо буданд. Вакте Пешвои муаззами точикон дар бораи сохтмони НБО «Рогун» харф заданд, миллати точик, ки иродаи матину устувори Пешвои худро медонист, ин вокеиятро бе дудилагӣ пазируфт.      29 октябри соли 2016 барои миллати точик вокеан

санаи бузурги таърихӣ буд. Зеро дар ин рӯз бо иштироки Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар шахри Рогун дар сохили дарёи Вахш маросими огози бунёди сарбанди Неругохи барки обии «Рогун» барпо шуд. Ин рӯйдод аз он чихат хотирмон, ибратомӯз ва шарафовар буд, ки мачрои дарёи Вахшро шахсан Пешвои миллат болои Рахши оханин бо иродаи кавии рустамона тагйир дода, ба бунёди сарбанди ин иншооти бузурги аср огоз бахшиданд.
Тавре маълум аст, ин рох барои халки точик осонгузар набуд. Аммо, рӯхи шикастнопазири миллат тахти химояи Пешвои миллат ва бо такя ба неруи созандаи чавонон хамаи ин мархилахоро пушти сар гузошта, ба нуктаи халкунанда наздик омад ва агрегати якуми НБО «Рогун» 16 ноябри соли 2018 ба истифода дода шуда, неруи барки истехсолшуда ба системаи энергетикии кишвар интикол ёфт. Ба кавли Пешвои миллат «Неругохи «Рогун» ба истехсоли неруи барк огоз мекунад ва нури «Рогун» дастраси хар як хонадони мардуми Точикистон гашта, барои расидан ба истиклолияти энергетикӣ кадами нихоӣ гузошта мешавад».
Бо сохтмони ин иншооти мухим Пешвои миллат ба чахониён нишон доданд, ки вокеан он миллате, ки точик ном дораду Пешвояш бо номаш сидкан ифтихор мекунад, миллати тавонову созанда аст. Раванди ин мархила нишон дод, ки Пешвои миллат вокеан бунёдгари кохи нуру равшанист.

**Махбуба МУРОДОВА,**
**омӯзгори МТМУ  15-и нохияи Шохмансури шахри Душанбе**